Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи: «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Яке аз ҳадафҳои калидие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пеши худ гузоштааст, ин – таъмини намудани мамлакат бо шуғли пурмасҳул мебошад, ки ба афзоиши шуғли расмӣ ва самаранокии меҳнат, сатҳи музди меҳнат ва инчунин, бехатарии меҳнат мусоидат менамояд. Шуғли пурмасҳули меҳнат накши ҳавасманд кардани на танҳо бахшҳои иқтисодиёт, вале соҳаи иҷтимоиро дорост.

Масъалаи шуғли аҳолӣ на танҳо дар натиҷаи рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти макроиқтисодӣ, балки сифати самаранокии истифодаи омилҳои асосии истеҳсолот, ки сатҳи рушди иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоии аҳолиро муайян мекунад, баррасӣ мешавад. Бояд қайд намуд, ки тайи солҳои охир теъдоди шуғл ҳамасола ба ҳисоби миёна такрибан ба андозаи 16 ҳазор нафар афзоиш меёбад. Ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби сармояҳои давлатӣ ва хориҷӣ таъсис дода мешаванд.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф усулҳои мушаххаси илмиро дар ҷараёни кор истифода бурдааст, ки заминаи назариявӣ ва пояҳои бунёдии назарияҳои илми иқтисодро нишон медиҳанд. Инчунин мукаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан илмӣ ва методӣ, муаммоҳои рушди шӯғли пурмаҳсул ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим ва таҳияи барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари бартариятхо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

1. Муаллиф дар боби сеюм таҳлили омилии сатҳи шуғли пурмаҳсулро пешниход мекунад, аммо дар автореферт ба таври ҷиддӣ ва дақиқ таҳлили омилӣ ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин вобастагии фунсионалӣ низ тасвир нашудааст.

2. Муаллиф методикаҳои муосири омориро барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои диссертатсия истифода накардааст.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки авторферати диссертатсияи Назарзода Н.Н. дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Иқтисодиёти меҳнат» пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асоев Муфарах Мазоридинович

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, info@apa.tj, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Саид Носир,.33. Тел.: +992 (37) 224-17-86

Имзои н.и.и., дотсент Асоев Муфараҳ-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Ҳамидов Шорух Бозорович